# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта заминаҳои назариявии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва сохтори грамматикии онҳоро дар бар гирифта, дар он хусусиятҳои семантикӣ ва инчунин вижагиҳои морфологию синтаксисии зарбулмасалу мақолҳо дар ду забони муқоисашаванда баррасӣ шудааст.

Мақсади асосии диссертатсия дар муқоиса таҳқиқ намудани сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати морфологию синтаксисӣ, муайян намудани хусусиятҳои изоморфизм ва алломорфизм дар онҳо мебошад. Дар автореферати диссертатсия таҳлили хусусиятҳои зарбулмасалу мақолҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нишон дода шуда, мавқеи махсусро ишғол намудани онҳо ва инчунин дар забон дорои вазифаҳои муҳимми илмӣ доштани зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда махсус қайд гардидааст. Таҳлили сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда собит намуд, ки онҳо хусусияти хоси худро доранд ва дар онҳо қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ истифода бурда мешаванд, ки фаровонтаринашон исм, сифат, шумора, зарфу феъл мебошанд. Инчунин, муаллиф гурӯҳҳои семантикии исм, сифат, зарф ва замонҳои асосии феълии дар зарбулмасалу мақолҳои истифодашуда муайян намудааст.

Диссертант дар муайян кардани сохтори синтаксисии зарбулмасалу мақолҳо кӯшиш ба харҷ додааст, ки истифодаи ҳамаи намудҳои ҷумларо ҳам аз рӯйи мақсади гуфтор ва ҳам аз рӯйи сохтор, ки дар фонди зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ вомехӯранд ба риштаи таҳлил кашида, хусусиятҳои изоморфизм ва алломорфизмро дар истифодаи онҳо нишон диҳад. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсия дар бартараф намудани мушкилоти мавриди назар барои муҳассилини тоҷик метавонад кӯмак расонад. Инчунин мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсияи мазкурро метавон дар ҷараёни таҳия намудан ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо, фразеология ва грамматика мавриди истифода қарор дод,

билхоса натиҷаҳои тадқиқот дар факултети равияи забоншиносӣ ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ, ҳамчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилот ва масъалаҳои назариявию амалии самти забоншиносӣ кӯмак мерасонад. Диссертатсияи мазкур аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се бобу ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, интишорот иборат мебошад.

Ҳар як бобу зербобҳо хуб ба расмият даровардa шудааст ва ҳам қисмати назариявӣ ва ҳам амалиро дар бар мегиранд. Ҷолиби қайд аст, ки диссертант тавонистааст аз уҳдаи навиштани рисола ва автореферат барояд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси лингвистӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявии таҳқиқот такя мекунанд.

Истифодаи мисолҳои диссертатсия ҳамчун воситаи аёнӣ дар курсҳои луғатшиносӣ, фразеология, назария ва амалияи тарҷума ҳам барои забони англисӣ ва ҳам барои забони тоҷикӣ аз манфиат холӣ нест.Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ифода намудааст.

Саҳми шахсии диссертант дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои омӯзишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқарраротӣ кори илмӣ дар раванди омӯзиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

Автореферати диссертатсияи Азизова Зарина пурмазмун ва аз мисолҳои исботкунанда ғанӣ мебошад ва пурра мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Тарҷумаи баъзеи ҷумлаҳо на он қадар саҳеҳ ҳастанд.
2. Дар автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ дида мешавад;

Нуқсонҳои майда-чуйдаи техникӣ ба осонӣ бартараф карда мешаванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии ин корро паст намекунанд.

Умуман, таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ сурат гирифтааст. Муаллиф дониши хуби худро оид ба хуб донистани маводҳо ва адабиётҳои илмӣ нишон дода тавонистааст.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки Азизова Зарина Шавкатовна муҳаққиқи баркамоли илмӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ба талаботи бандхои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғар **Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич**

**Имзои *Маҳмадалиев Ф.М.*-ро тасдиқ мекунам.**
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғар **Тоирзода Суҳроб Тоир**

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кучаи Марказӣ, 25
**E-mail:** dddangara_2013@mail.ru
**Тел:** (+992 8 33 12) 2 28 06;
**Тел. моб:** (+992) 882083578.

**02.01.2024**